10319 - Пеш аз хӯрдан ғусли ҷанобат воҷиб нест

савол

Оё баъд аз хамбистарӣ ва пеш аз ғусл кардан хӯрдану нӯшидан ҷоиз аст?

Ҷавоби муфассал

Пеш аз хӯрдан ғусли ҷанобат воҷиб нест, балки (барои ҷунуб) суннат аст, ки пеш аз хӯрдан вузӯ кунад. Ин масъалаест, ки донишмандон бар он иҷмоъ намудаанд.
Далели он ҳадиси Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аст, ки мефармояд:

«Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳангоми ҷанобат, агар бихоҳад чизе бихӯрад ва ё бихобад, вузӯ мекард». (Ривояти Муслим, ҳайз/461).
Шайх Ибни Усаймин дар китоби "Ашшарҳу-л-мумтиъ" гуфтааст: "Ба назари ман, ҷунуб то вузӯ нагирад, хоб накунад. Ин (яъне вузӯ кардани ҷунуб пеш аз хоб) мустаҳаб аст. Ҳамчунин пеш аз хӯрдану нӯшидан (яъне вузӯ кардани ҷунуб пеш аз хӯрдану нӯшидан низ мустаҳаб аст). Баъзе аз донишмандон гуфтаанд, ки дар ҳоли ҷанобат бе вузӯ хӯрдану нӯшидан макруҳ нест".